**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нематов Акмал Рауфҷонович ба диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ.**

Диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи параметрҳои зерин баҳо додан мукин аст:

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи «Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ташкили идоракунии давлатии самаранок ва дар заминаи он рушди бонизоми соҳаҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраҳои аввали бадастоварии мустақилии сиёсӣ нисбат ба он таваҷҷуҳи хоса намудааст. Ташкили фаъолияти гумрукӣ ва танзими муносибатҳои марбут ба

фаъолияти гумрукӣ қисми ҷудонопазири идоракунии давлатии муосир ба ҳисоб меравад, ки дар пайвастагӣ бо фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва дигар масъалаҳои муайян мебошад. Падидади фаъолияти гумрукӣ бо соҳибихтиёрии кишвар алоқаманд буда, мустақилии иқтисодӣ, амнияти иқтисодӣ ва рушди фаъолияти иқтисоди хориҷиро таъмин намуда, ба ҳалли дигар масъалаҳо, вазифа ва ҳадафҳои давлат ва ҷомеа мусоидат менамояд.

Қайд намудан зарур аст, ки фаъолияти гумрукӣ ҳамчун соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ба сифати объекти идоракунии давлатӣ баромад мекунад. Он ҳамчун соҳаи фаъолияти инсонӣ ва маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд, ки нисбат ба он функсияҳои муайяни идоракунии давлатиро роҳандозӣ мегардад. Тавре муаллиф дуруст иброз намудааст, муносибатҳои марбут ба соҳаи фаъолияти гумрукӣ сохтори мураккаб дошта, дорои хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, маъмурӣ ва идоракунӣ мебошад (С. 77). Бинобар ин, баррасӣ ва таҳлили масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дар ин замина ошкор ва муайян намудани мушкилот ва холигиҳо вобаста ба онҳо аз аҳамият орӣ набуда, самтҳои афзалиятноки рушди он муайян мегарданд.

Айни замон идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳо хориҷӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад, паҳлуҳои зиёди баҳсталаб ва омӯзишӣ дорад. Мубрамияти масъалаи мазкурро метавон бо омилҳои зерин муайян намуд: ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таъмин мегарданд; таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсоне, ки бевосита ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ алоқаманданд; ба вуҷуд омадани муносибатҳои нав дар фазои фаъолияти гумрукӣ ва идоракунии давлатии он; ба зимма гирифтани уҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон; баланд бардоштани мавқеъ ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ; мураккабии танзими муносибатҳои марбут ба фаъолияти гумрукӣ; мушкилоти

амалисозии салоҳияти (ваколати) мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ; таъмини реҷаи қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ; ҳалли як қатор масъалаҳои дигар, ки бевосита ба ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ алоқамандaнд.

Ҳамчунин, тазаккур бояд дод, масъалаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи амақи илмӣ нагирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии З.М. Соибов дар мавзуи болозикр бори аввал дар илми ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши ҳамаҷониба шудааст. Муаллиф бо норасоиҳо, холигиҳо ва мушкилот дар самти мазкурро муайян намуда, бобати рушди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ андешаҳо ва консепсияҳои асосноки илмиро таҳия ва пешниҳод кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Тазаккур бояд дод, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, муаллиф аввалин маротиба ба таври комплексӣ вобаста ба он пажуҳиши илмиро гузаронидааст. Муаллиф тавонистааст, ки масъалаҳои муҳим ва асосиро марбут ба масъалаи баррасишаванда аст, таҳлил намуда, дар натиҷа консепсияи асосноки илмиро таҳия намояд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва вазъи қонунгузории кишвар таҳлил ва омӯзиш гардида, мушкилот ва норасоиҳо вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда ошкор шуда, дар натиҷа аз ҷониби муаллиф роҳҳои ҳал ва бартараф намудани онҳо муайян карда шудааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари масъалаҳои зикршуда, инчунин ҷанбаҳои таърихии фаъолияти гумрукӣ, ташкили мақомоти гумрук ва таҷрибаи дигари марбут ба ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ таҳлил гардидааст.

Навгониҳои натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, дар заминаи таҳқиқ ва таҳлили ҳамаҷонибаи

муаллиф таҳия гардидаанд. Ӯ тавонистааст, ки мафҳумҳо, хулосаҳо ва консепсияҳои илмиро вобаста ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқи таҳия ва пешниҳод намояд.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда заминаи асосноки илмӣ дошта, натиҷаи таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти назариявӣ ва амалӣ, ки баҳри такмили қонунгузории кишвар дар соҳаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона мегарданд, доранд.

Соибов З.М. таҳқиқоти илмии худро дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода, тарзи масъалагузорӣ ва таҳлили масоилҳои марбут мавзуи таҳқиқот бонизом ва мувофиқ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда сурат гирифтааст. Сохтори таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии онро 446 саҳифа ташкил медиҳад.

**Боби якуми** таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро фаро гирифтааст, ки дар доираи он фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ ва функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф падидаи идоракунии давлатиро аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ намуда, ба хулоса омадааст, ки падидаи мазкур инъикосгари фаъолияти на ҳама мақомоти ҳокимияти давлатӣ, балки мақомоти идоракунии давлатӣ, хусусан мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад, ки мо бо ин андешаи муаллиф розӣ ҳастем. Ҳамзамон, хусусиятҳои идоракунии давлатӣ аз ҷониби муаллиф муайян гардиданд, ки аз фарқияти онро аз дигар намудҳои фаъолият нишон медиҳад.

Вобаста фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ муаллиф иброз намудааст, ки дар шароити муосир фаъолияти гумрукӣ

ба сифати падидаи ҳуқуқи маъмурӣ баромад менамояд, ки табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим мегардад. Ба андешаи ӯ дар доираи фаъолияти гумрукӣ расмиётҳои гуногуни маъмурӣ сурат гирифта, дар ин замина ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ татбиқ мегарданд.

Вобаста ба масъалаи функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муаллиф дуруст қайд кардааст, ки баамалбарории функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ амалан зоҳиргардии идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукиро таҷассум намуда, дар ҳамбастагӣ бо мақсадҳо ва вазифаҳои идоракунии давлатӣ ташаккул ёфта, баҳри амалигардонӣ ва ҳалли онҳо равона мегарданд.

**Дар боби дуюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф қайд мекунад, ки шакли идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мазмунан ифодагари фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар доираи салоҳияти (ваколати) барои онҳо муқарраргардида амалӣ мегардад (С. 118). Дар натиҷаи таҳлили шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муаллиф шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро муайян намудааст. Шаклҳои ҳуқуқиро дар навбати худ бошад, ба намудҳои зерин ҷудо намудааст: таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ; бастани шартномаҳо ва содир намудани амалҳои хусусияти ҳуқуқидошта (С. 130).

Бо пешрафти илму техника истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар раванди идоракунии давлатӣ тадбири таъминкунандаи самаранокии он ба ҳисоб меравад, ки дар алоқамандӣ бо ин, муаллиф истифодаи воситаҳои мазкурро ҳамчун шакли ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян намудааст, ки чунин ҷиҳатҳои мусбиро ба бор меоранд: баррасии саривақтии ҳуҷҷатҳо ва муроҷиатҳои воридгардида ба мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ; сарфа намудани вақт дар баамалбарории расмиётҳо ва дигар равандҳои фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва барои

дигар иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ; сарфакории иқтисодӣ; пешгирии омилҳои коррупсионӣ; бартараф намудани таъсиррасонии субъективӣ; таъмини дастрасии иттилоот; таъмини назорати босифати гумрукӣ; ҷалби мутахассисони ботаҷриба ва дорои малакаи баланди корӣ; таъмини қонуният ва интизом дар соҳа (С. 156-158).

Усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар зербоби боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст. Усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар заминаи шаклҳои он татбиқ гардида, амалан сурат гирифтани тадбирҳои ҳуқуқии маъмуриро дар раванди мазкур таъмин менамоянд. Муаллиф мазмуни усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро чун маҷмӯи тарзу воситаҳои таъсиррасонии ҳокимиятӣ аз ҷониби субъектони идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба рафтор ва амали иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гумрукиро меноманд, ки баҳри расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ равона мегарданд, баҳо додааст (С. 164).

Инчунин, муаллиф татбиқи ду усули муҳимтарин – боварикунонӣ ва маҷбуркуниро ҳамчун усулҳои асосии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян намудааст, ки дигар усулҳои ҷойдошта моҳиятан усулҳои мазкурро ифода мекунанд (С. 168).

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бахшида шудааст, ки дар доираи он мазмун ва табиати мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардидааст. Тавре муаллиф дуруст қайд кардааст дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мавҷудияти мақомоти амаликунандаи он шарти аввалиндараҷа маҳсуб меёбад, ки амалан баамалбарории салоҳияти ҳокимиятӣ ва функсияҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукиро таъмин менамоянд. Ҳамчунин, мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ муайян намуда, баҳри амалисозии вазифа

ва ҳадафҳои идоракунии давлатӣ дар соҳаи мазкур фаъолият мекунанд (С. 202). Ба андешаи ӯ мақомоти идоракунии давлатие мебошанд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ муайян ва татбиқ намуда, амалӣ шудани ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳои идоракунии давлатӣ ва расидан ба ҳадафҳои давлат дар соҳаи мазкурро таъмин менамоянд (С. 207).

Ҳамзамон, ӯ иброз намудааст, ки дар шароити муосир метавон чунин намудҳои мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро муайян намуд: а) вобаста ба сарчашмаи таъсисёбиашон – мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти идоракунии давлатии соҳаи номбурда, ки дар заминаи қонунгузории соҳавӣ (мақомоти гумрук) таъсис гардидаанд; б) вобаста ба салоҳияташон – мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукии салоҳияти умумидошта (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва салоҳияти махсусдошта (мақомоти гумрук); в) вобаста ба қабули қарор (таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқӣ) – мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукии яккасардорӣ (мақомоти гумрук ва вазоратҳо) ва дастаҷамъӣ (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) (С. 207).

Масъалаи дигар, ки дар доираи боби мазкур пажуҳиш гардидааст, мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ мебошад. Муаллиф ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти гумруки кишварро таҳлил карда, қайд мекунад, ки мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи начандон зиёди ташаккул ва рушд дошта, асосан бо касби мустақилии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Аз давраҳои аввали таъсисёбӣ, мақомоти мазкур, хусусан мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ якчанд маротиба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии худро таҷдид намудааст. Ташаккули шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои муайян намудани мақом ва нақши он дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти ҳокимияти иҷроия таъсир намудааст ва бо омилҳои муайян (надоштани

таҷрибаи ташкили мақомоти гумруки миллӣ, тавсияҳои созмонҳои байналхалқи ва ғ.) вобастагӣ дорад (С. 236).

Муаллиф дар иртибот бо мавқеи мақомоти гумрук дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ масъалаҳои хусусиятҳо, вазъи ҳуқуқии маъмурӣ ва низоми онро баррасӣ ва таҳқиқ намуда, дар натиҷаи хулосаҳои илмӣ ва таклифҳои дахлдорро бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти он пешкаш кардааст.

**Дар боби чоруми** таҳқиқоти диссертатсионӣ қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таҳқиқ гардидааст. Тавре аз таҳқиқот бармеояд, идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ фарогири масъалаҳои марбут ба таҳияи заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкили мақомоти идоракунии давлатӣ, пешбурди сиёсати давлатӣ, муайян намудани тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ ва ғ. дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ мебошад, ки қонуният ҳамчун маҳак ва восита ҷиҳати қонунан амалисозӣ, таъмини сифат ва самаранокии ин масъалаҳо бароmad мекунад (С. 265).

Қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо категорияи интизом алоқаманд аст, ки тибқи андешаи муаллиф охирон мазмуни васеъ дорад. Чунки, интизом ҳамчун категорияи иҷтимоӣ аз доираи қонуният берун буда метавонад. Тавре аз мазмуни гуфтаҳои боло бармеояд, агар қонуният бо иҷро ва риояи қонунгузорӣ, яъне қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар маҳдуд шавад, интизом бошад, иҷро ва риояи ҳам қонунгузорӣ ва ҳам санад ва меъёрҳои дигарро фаро мегирад. Махсусан, риояи меъёрҳои ахлоқӣ, техникӣ, дохилӣ (локалӣ), динӣ, иҷрои санадҳои хусусияти ғайримеъёридошта, супориш ва дастурҳои мақомоти болоӣ ва ғ. ба доираи интизом ҳамчун категорияи иҷтимоӣ шомил мешавад (С. 299).

Ба андешаи муаллиф қонуният дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ бо замина, шароит ва имконоти муайяннамудаи давлатӣ таъмин мегардад, ки ифодагари кафолати қонуният дар ин раванд мебошад. Кафолати таъмини қонуният дар ин раванд тавассути

маҷмуи тадбирҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилӣ ба роҳ монда шудааст. Бо назардошти он, ки соҳаи фаъолияти гумрукӣ аз ҳар ҷиҳат барои ҷомеа ва давлат муҳим арзёбӣ гардидааст, барои ташкили дурусти идоракунии давлатӣ, танзими ҳуқуқии он ва дар маҷмуъ таъмини иҷро ва риояи қонунгузорӣ дар соҳаи номбурда аз ҷониби давлат бо кафолатҳои дахлдор таъмин гардидааст (С. 307). Ҳамзамон, ӯ намудҳои кафолати қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро бо назардошти соҳаҳои дахлдори ҷамъиятӣ муайян намудааст.

Воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ аз ҷониби муаллиф мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд менамояд, ки бо назардошти таҳлили қонунгузории кишвар ва фаъолияти амалии мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ метавон чунин воситаҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро таснифбандӣ намуд: вобаста ба шакли зоҳиршавиашон – воситаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва воситаҳои амалии ҳуқуқӣ; вобаста ба субъекти амаликунанда – воситаҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои давлатӣ; вобаста ба тарзи амалишавӣ - воситаҳои фаъол ва воситаҳои ғайрифаъол; вобаста ба ҳолати амалисозӣ - воситаҳои муқаррарӣ ва воситаҳои мақсаднок; вобаста ба иҷрои амалҳои мушаххас бошад – контрол, назорат ва муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи илман асоснок хулоса, тавсияҳо ва андешаҳои назариявӣ ва амалиро таҳия намудааст, ки ба равшан намудани масъалаҳои гуногуни идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд, ҳамзамон муайян намудани роҳҳои ҳалли мушкилот дар самти мазкур мусоидат менамоянд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда ҳамзамон, дар заминаи истифодаи васеи усулҳои умумиилмӣ ва махсус, ки марбут ба илми ҳуқуқшиносӣ, адабиётҳои

илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои сиёсию ҳуқуқӣ мукаммал гардидаанд.

Дра заминаи таҳлили пурраи масъалаи баррасишаванда муаллиф таклифҳои хусусияти амалидоштаро пешниҳод намудааст. Ӯ таклифҳоро тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории кишвар, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ, таъсиси сохторҳои алоҳида дар низоми мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва ғайра пешниҳод намудааст, ки асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳоро пешкашгардидаро нишон медиҳад.

Муллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷрибаи кишварҳои хориҷиро вобаста ба ташкили идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян намуда, паҳлуҳои мусбии барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аз ҷониби ӯ муайян гардиданд. Махсусан, таҷрибаи истифодаи васеи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар раванди идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, ки дар шароити муосир дар кишварҳои хориҷӣ тадбири муҳимтарини таъмини самаранокии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб меравад, аз ҷониби муаллиф баҳои баланди мусбӣ дода шуда, истифодаи воситаҳои мазкурро ҳамчун шакли ғайриҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян намудааст, ки қобили дастгирӣ аст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.**

Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аҳаммияти баланди илмӣ ва дошта, дар заминаи он андешаҳо ва консепсияҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия гардида, ба фаҳмиши дуруст ва мукаммали ҷанбаҳои ҳуқуқии маъмурии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва дигар падидаҳои ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегардад. Дар доираи он муаллиф мафҳумҳо, истилоҳҳо, масъалаҳо, падидаҳо ва дигар паҳлуҳои марбут ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукиро таҳлил намуда, андешаҳои хусусияти назариявӣ ва амалидоштаро бо мақсади фаҳмиши дурусти онҳо, такмили қонунгузории кишвар ва

рушди заминаҳои ташкилии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ пешниҳод намудааст.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки муаллифи он масъалаҳоеро дар доираи он таҳқиқ ва баррасӣ намудааст, ки дар натиҷа аҳамиятнокии иқтисодӣ ва иҷтимоии онро афзун мегардонад. Аз қабили, тавсияҳо ва таклифҳои аз ҷониби муаллиф таҳиягардида, метавонанд ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар, рушди иқтисоди бозорӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва афзоиш додани теъдоди онҳо, ҳимояи манфиатҳои молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва дастгирии давлатии онҳо ва ғайра равона гарданд.

Инчунин, муаллиф дигар масъалаҳоро ба монанди, усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ ва таҳлил кардааст, ки аҳаммияти иҷтимоӣ доранд. Аз ҷумла, андешаҳои муаллиф роҷеъ ба тадбирҳои боварикунонӣ ҳамчун усули идоракунии давлатии фаъолияти (сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ) ва тадбирҳои таъмини қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ (пешгирии коррупсия, риояи интизом, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ғайра) аҳамияти иҷтимоиро дар худ таҷассум мекунанд.

**Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки дар шакли таклифҳо ба муаллиф пешниҳод мегардад:**

1. Мафҳуми идоракунии давлатие, ки З.М. Соибов пешниҳод менамояд ва он асосан ҳамчун фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ бахри роҳбарӣ намудан ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд мекунад (С. 29), баҳснок мебошад. Бояд қайд кард, ки идоракунии давлатӣ на фақат хусусияти соҳавӣ, инчунин хусуияти байнисоҳавӣ ва комплексӣ низ дорад.

2. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи масъалаи усули идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ду намуди асосии он, яъне усули боварикунонӣ ва

маҷбурсозиро муайян намудааст. Ҳангоми омӯзиши усули маҷбурсозии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардид, ки муаллиф дар аввал истилоҳи «маҷбурсозӣ» ва баъдан истилоҳи «маҷбурсозии маъмурӣ»-ро истифода бурдааст. Мехостам аз муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ фаҳмам, ки ин ду мафҳум аз якдигар фарқ мекунанд ё як мазмун доранд.

3. Дар рафти таҳқиқоти илмӣ, рушди қонунгузории гумруки кишвар ва институтҳои он аз тарафи диссертант ба таври пурра баррасӣ нагардидааст. Дар ҳолати ба таври пурра баррасӣ гардидани заминаҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ дар соҳаи гумрук ва фаъолияти гумрукӣ ба назари мо диссертатсия боз ҳам комилтар мегардид.

Дар маҷмуъ, эродҳо ва пешниҳодҳои зикршуда хусусияти баҳснок ва тавсиявӣ доранд ва сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омузиши ҳамаҷонибаи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмии муаллиф фарқ мекунад ва асарро ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҳқиқ намудааст, ки ба тамоми талаботҳо ҷавобгу мебошад. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар алоқамандӣ бо мавзуи таҳқиқот 58 маводи илмиро ба табъ расонидааст, ки дар миёни онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нашр баромадаанд. Маводи чопшудаи муаллиф ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Зикр бояд намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, ба таври мустақил аз ҷониби муаллиф

таҳия гардидааст. Таҳқиқоти мазкур ягонагии дохилӣ ва мантиқӣ дошта, бо риояи усулҳои муҳимми илмӣ анҷом дода шудааст. Тарзи масъалагузорӣ, яъне бобҳо ва зербобҳои он пурра дар доираи мавзуи таҳқиқот тартиб дода шуда, таҳлил ва баррасии онҳо ба таври низомнок сурат гирифтааст. Дар умум сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи дахлдори таҳияи диссертатсияи доктори илм ҷавобгӯ буда, бо риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ аз ҷониби муаллиф навишта шудааст.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои аз ҷониби муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида аҳаммияти баланди илмӣ дошта, метавонанд, ки дар сатҳи илми ҳуқуқшиносии муосир ва амалияи идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ба таври васеъ истифода гарданд. Бо ҳамин мазмун, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои 32, 33 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз ва сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрукӣ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намуда, ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ равона мегардад. Дар доираи он консепсияҳо ва андешаҳои асосноки илмӣ пешниҳод гардидааст, ки саҳми муаллифро дар ин самт нишон медиҳад. Ҳамчунин, масъалаҳо ва падидаҳои гуногуни ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи гумрукӣ аз ҷониби муаллиф баррасӣ ва таҳқиқ шуда, ки муҳиммият ва нақши онҳоро дар низоми муносибатҳои марбут ба идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ муайян гардидааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи “Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ” ба

талаботи пешбининамудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Сарходими илмии Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктор илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нематов А.Р.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025
ш. Душанбе, ҳ. Рӯдаки 33
Тел/факс: 992 93 112 11 88
E-mail: anematov@rambler.ru

Имзои Нематов А.Р.-ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳо__________ Х.Н. Шозедов

«17»___04___ 2023